آواز تاجیک
*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*
Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

17 майи соли 2023
Чоршанбе
№ 39 (14946)
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ЧОРАҲОИ ВУСЪАТИ ФАРОГИРИИ ТАЪЛИМИ ТОМАКТАБӢ МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

**Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимоти пешниҳодот оид ба такмили низоми таълими томактабӣ шинос гардид.**

Ҳоло қариб дар 30 ҳазор муассисаи таълими томактабии мамлакат беш аз 2 миллион кӯдакон тарбия меёбанд. Аз ҳисоби сохтмони 422 кӯдакистони давлатӣ ва кушода шудани беш аз 21 ҳазор муассисаи таълими томактабии ғайридавлатӣ дар панҷ соли охир барои кӯдакон 1 миллиону 200 ҳазор ҷой фароҳам оварда шуд. Нишондоди фарогирии таълими томактабӣ ба 72 фоиз расид.

Ҳамзамон дар ҷараёни гуфтугӯҳои шаффоф дар маҳалҳо шаҳрвандон ба ногузирии афзоиши миқдори боғчаҳои бачагона ишора намуданд. Бинобар ин Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ пешниҳодотро доир ба ташкили ҷараёни таълими томактабӣ дар асоси тартиби нав пешниҳод намуд.

Аз он ҷумла чораҳо оид ба минбаъд такмил додани низом, баланд бардоштани сифати тарбия дар боғчаҳои бачагона ва афзоиши гунҷоиши онҳо, татбиқи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ таҳия гаштааст. Ҳамин тариқ дар маҳалҳои аҳолиаш зич ва ё дар ҷойҳое, ки фарогирии таълими томактабӣ паст мебошад, кӯдакистонҳои нави давлатӣ сохта шуда, иштироки сектори хусусӣ афзоиш дода мешавад. Дар мактабҳое, ки сарбориашон кам мебошад, дар онҳо кушодани гурӯҳҳои тайёрӣ пешбинӣ мегардад.

Роҳбари давлат ба аҳамияти ин соҳа дар тарбияи кӯдакон ва васеъ намудани имконоти занон ишора намуда, ба шахсони масъул баланд бардоштани сифати таълим, такмили барномаҳои таълимӣ, ба дараҷаи нав бардоштани муносибати шарикии давлативу хусусиро супориш дод.

Вазифаи таҳияи барномаи панҷсола оид ба вусъат додани фарогирии таълими томактабӣ гузошта шуд.

**ЎзА.**

## ҶАРИМАҲОИ ЗИЁДА АЗ 340 НАФАР БЕКОР КАРДА ШУДАНД

***Дар ҷамъомади Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис лоиҳаи қонун «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷавобгарии маъмурии Ҷумҳурии Ўзбекистон ба муносибати такмил додани низоми иҷрои ҷаримаҳои маъмурӣ» мавриди муҳокима қарор гирифт.***

Оид ба лоиҳаи қонуни мазкур директори Бюрои иҷрои маҷбурии назди Прокуратураи генералӣ М.Эгамбердиев маърӯза кард:

– Дар мамлакати мо ҷиҳати такмил додани низоми иҷрои ҳуҷҷатҳои судҳо ва дигар мақомот дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ тадбирҳои васеъ амалӣ карда мешаванд. Дар ин лоиҳаи Қонун миқдори ҷаримаи маъмурие, ки Бюрои иҷрои маҷбурӣ таъин кардааст, аз маблағи дар ҳуҷҷати иҷро нишондодашуда зиёд буда наметавонад ва доираи шахсони мансабдоре, ки аз номи Бюрои иҷрои маҷбурӣ ҷазои маъмуриро татбиқ менамоянд, аниқ муайян карда шудааст.

Дар амалиёт ҳолатҳое ҷой доранд, ки миқдори ҷаримаи маъмурие, ки бюрои иҷрои маҷбурӣ таъин кардааст, аз маблағе, ки бояд ситонида шавад, якчанд маротиба зиёд муқаррар карда шудааст. Масалан, агар қарзи рӯёндашаванда 150 ҳазор сӯм бошад, шаҳрванд барои сари вақт напардохтанаш мувофиқи моддаи дахлдори Кодекси ҷавобгарии маъмур метавонад аз 330 ҳазор сӯм то 1650 ҳазор сӯм ҷарима пардозад. Барои бартараф намудани ин таҷриба лоиҳаи қонуни мазкур омода карда шуд.

Дар баробари ин, имрӯз ҳар корманде, ки дар мақоми иҷрогари БИМ кор мекунад, салоҳияти таъйини ҷаримаи маъмуриро дорад. Ин боиси сӯиистеъмоли гуногун, масалан, беасос ҷарима андохтани шаҳрвандон мегардад. Мутаасифона, ин барин баъзе кормандони иҷрогари БИМ ба назар мерасанд. Масалан, ошкор карда шуд, ки дар натиҷаи нодуруст талқин шудани меъёрҳои қонун ба зиёда аз 340 нафар шахс бемаврид ҷарима таъин карда шудааст ва ин қарорҳои ғайриқонунӣ бекор карда шуданд.

Аз ин рӯ, муқаррар карда шудааст, ки ваколати аз номи БИМ таъин намудани ҷаримаи маъмуриро танҳо сариҷрочии давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон, сариҷрочиёни давлатии Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, муовинони онҳо, инчунин роҳбарони шуъбаҳои ноҳия (шаҳр)-и Бюрои иҷрои маҷбурӣ доранд. Ин тағйирот ба меъёрҳои Конститутсияи мо дар таҳрири нав комилан мувофиқанд, – гуфт директори Бюрои иҷрои маҷбурӣ.

Дар рафти муҳокима депутатҳо таъкид намуданд, ки ин ҳуҷҷат лоиҳаи қонуни халқпарвар буда, ба манфиати аҳолӣ пурра хизмат мекунад. Гуфта шуд, ки қабули он барои таъмини ҳимояи боэътимоди ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, пешниҳоди сабукӣ ба шаҳрвандон дар пардохти ҷарима, пурзӯр намудани назорат дар низоми Бюрои иҷрои маҷбурӣ ва пешгирии сӯиистифодаҳо асос хоҳад буд. Бо назардошти ин лоиҳаи Қонун қабул гардид.

**Муҳтарама КОМИЛОВА,**
**мухбири ЎзА.**



*Дар ноҳияи Учқӯрғони вилояти Намангон бобати таъмини шуғли занону духтарон ва офаридани шароити мусоиди корӣ ба онҳо таҳти роҳбарии ҳокимияти ноҳия аз ҷониби роҳбарони секторҳо, масъулони ҷамоатҳои шаҳрвандон як қатор корҳои амалӣ ба назар мерасанд.*

*Аз ҷумла, ба наздикӣ дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Янгиер» сехи дӯзандагии «Гулхумор чевархонаси», ки тобеи хоҷагии фермерии «Гулхумор» мебошад, кушода шуд. 100 нафар занону духтарони ҳудуд ба кор таъмин шуданд. Аксарияти ба кор таъминшудаҳо дар «Дафтари оҳанин», «Дафтари занон» ва «Дафтари ҷавонон» номнавис буданд. Бонувоне, ки дар марказҳои таълимӣ асрори дӯзандагӣ омӯхта, аз рӯйи касб фаъолият мебаранд, дар таъмини рӯзгор ва беҳсозии дараҷаи зиндагии оилавӣ саҳм мегузоранд. Дар хонаи дӯзандагӣ духтудӯзи либосҳои корӣ, либосҳои бачагона ва мардона, пардаҳо барои офис ба роҳ монда шудааст.*

***Дар сурат:** дар сехи дӯзандагии «Гулхумор чевархонаси».*

***Суратгир: Ҳ.МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

***Мулоқоти рӯ ба рӯ бо аҳолӣ имкон медиҳад, ки роҳбарон аз орзую умед ва мушкилоти мардум огоҳ гардида, баҳри ҳал намудани масъалаҳои онҳо ҳарчӣ бештар кумак расонанд.***

## ҚАБУЛИ САЙЁРИ ҲОКИМ

Ин дафъа қабули сайёри ҳокими вилояти Бухоро дар ноҳияи Вобканд сурат гирифт. Бо мақсади фароҳам овардани имкониятҳои қулай ба муроҷиаткунандагони самти шарқии ноҳия қабули ҳоким дар коллеҷи омӯзгории ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Кумушкент» ба амал омад.

Даҳҳо шаҳрвандон шахсан ба қабули ҳоким даромада, оиди ҳалли масъалаҳо бобати таъминоти энергияи электр, бартарафсозии бекорӣ, таъмири роҳҳои даруни деҳот, кумаки моддӣ, соҳибкорӣ, соҳиби хонаю ҷой шудан ва суду ҳуқуқ ёрдам пурсиданд. Дар ҷараёни қабул бисёр масъалаҳо ҳаллу фасл гардиданд, он мурочиатҳое, ки ҳаллашон вақт мехоҳад, ба назорат гирифта шуданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

## 60 РӮЗИ ДОЛУЗАРБИ ҚАШҚАДАРЁ

***Ҳокими вилояти Қашқадарё Муротҷон Азимов дар ҷаласаи таҳлилӣ таҳти унвони «Соати ҳокимият” моҳҳои июл ва августро «60 рӯзи долузарби бо кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таълими касбӣ” эълом дошт.***

Ҷаласа бо ширкати роҳбарони тамоми секторҳо, идораву муассисаҳои бонуфуз ва фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ доир гардида, дар он бештар муаммову мушкилоти ҳаёти ҷавонон мавриди муҳокима қарор гирифт. Таъкид гардид, ки Президент Шавкат Мирзиёев ин қишри неруманди ҷомеаро такягоҳи муҳими Ватан унвон кардааст ва эътибор ба ҳаёти онҳоро аз вазифаҳои асосии калонсолон хондааст. М. Азимов гуфт, ки дар вилояти Қашқадарё имрӯзҳо 60 муассисаи таълими касбӣ фаъолият мекунанд, ки дорои 44360 ҷои таҳсил мебошанд. Айни ҳол дар ин таълимгоҳҳо аз рӯи 183 пешаи мақбул ва талабшаванда таҳсили илм ҷараён доранд ва 27947 нафар донишҷӯро фаро гирифтааст. Аммо ба таъкиди пас аз хатми муассисаҳои таълимӣ банд намудани ҷавонон бо шуғли муносиб вазифаи долузарб аст ва масъулияти бештаре мехоҳад. Эълом шудани 60 рӯзи долузарби бо кор таъмин намудани хатмкунандагони муассисаҳои таълими касбӣ ғамхории муҳиме дар ҳаққи ҷавонон аст.

Дар ҷаласа ҳамчунин бо шуғли доимӣ ва муносиб таъмин намудани аҳолии вилоят низ муҳокима гардид. Ҳокимияти вилоят дар пеши худ вазифа гузошт, ки аз ин баъд низ дар робита ба таъмини аҳолӣ бо шуғли муносиб босамар кор мекунад ва татбиқи дастурҳоеро, ки аз рӯи қарору фармонҳои Президент қабул шудаанд, зери назорати қатъӣ мегирад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар Қашқадарё.**

## ТАҒЙИРОТ БА КОНСТИТУТСИЯ ҲУҚУҚИ МАРДУМ, КАФОЛАТҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ОЗОДИИ ИҚТИСОДИРО БА ТАВРИ НАЗАРРАС ТАҲКИМ БАХШИДАНД

**Равандҳое, ки дар Ўзбекистон ба амал меоянд – дар маркази таваҷҷуҳи матбуоти хориҷӣ**

Нашрҳои электронӣ ва чопии хориҷӣ равандҳои сиёсиро, ки дар Ўзбекистон ҷараён доранд, зуд инъикос намуда, аз ҷумла дар бораи интихоботи пеш аз муҳлати президентии ба 9 июл таъиншуда ва суханронии Президент Шавкат Мирзиёев 8 май дар мулоқот бо аъзои палатаҳои Олий Маҷлис, намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ ва аҳли ҷомеа менигоранд.

**Дар маҷаллаи амрикоии «Defense & Foreign Affairs»** мақолаи «Маркази эҳёи Авруосиё»-и сармуҳаррири маҷалла ва президенти Ассотсиатсияи байналмилалии тадқиқотҳои стратегӣ (ISSA) Грегорӣ Коплӣ, ки 30 апрел дар раъйпурсӣ ба сифати нозири байналмилалӣ иштирок кардааст, чоп шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки пас аз ба кишвар раҳбарӣ намудани Шавкат Мирзиёев иқтисод ва сиёсати мамлакат боз ҳам кушод ва устувортар шуд, ҳамкориҳои фаъол бо давлатҳои ҳамсоя оиди кушодани марзҳо ва гуфтушунидҳо оид ба ҳалли баҳсҳои сарҳадӣ оғоз ёфт.

Муаллиф доир ба мазмуни Конститутсияи навтаъсисшуда қайд мекунад, ки раъйпурсии конститутсионии Ўзбекистон бо диққат омода шуда, ислоҳҳо ба Конститутсия ҳуқуқҳои мардум, кафолатҳои иҷтимоӣ ва озодии иқтисодиётро ба таври назаррас таҳким бахшиданд.

Муаллиф хабар медиҳад, ки шаҳрвандони Ўзбекистон бо иштироки 84,54 фоиз ба тарафдории ин тағйироту иловаҳо овоз доданд.

«Ассотсиатсияи байналмилалии тадқиқотҳои стратегӣ, ки намояндагонаш дар Ўзбекистон овоздиҳиро мушоҳида карданд, изҳор дошт, ки ин яке аз шаффофтарин раъйҳо дар тӯли беш аз 50 соли нозирони интихобот аст», – менависад Грегорӣ Копли.

Ба гуфтаи ӯ натиҷаи муҳими стратегии раъйпурсӣ он гардид ва он нишон дод, ки «мардуми Ўзбекистон ҳарчи бештар назоратро бар ҳувияти миллӣ барқарор менамоянд ва ба қарори асили иҷтимоӣ ноил мегардад».

Маҷаллаи «Defense & Foreign Affairs» инчунин изҳороти миссияи мушоҳидони ISSA-ро нашр кардааст. Дар он таъкид мешавад, ки раъйпурсии конститутсионии Ўзбекистон одилона сурат гирифта, иродаи интихобкунандагонро қонунӣ инъикос кард. Раванди овоздиҳӣ бо шаффофияти ҳадди аксар ва таваҷҷуҳ ба пешгирии қаллобӣ сурат гирифт. Овоздиҳӣ оромона ва бидуни ягон қонуншикании ҷиддии мурофиавӣ сурат гирифт.

«Дар ҳар як қитъаи интихоботӣ, ки мо дидан кардем, пайравии қатъии таъмини муҳити одилонаи овоздиҳиро мушоҳида намудем, ки он ба интихобкунандагон имкони бидуни ягон таъсир озодона ва бемамоният овоз доданро фароҳам овард. Гузашта аз ин мо шоҳиди идомаи шавқу рағбати интихобкунандагон ба иштирок дар раъйпурсӣ будем, ки дар асоси давраи тӯлонии муҳокимаи оммавии лоиҳаи Конститутсияи кишвар идома дорад», – омадааст дар изҳорот.

**Дар онлайн-нашри маъруфи итолиёвии «Eurasiaticanews»** мақолаи «Президенти Ўзбекистон интихоботи президентӣ таъин кард» чоп шудааст. Дар он гуфта мешавад, ки баъди раъйпурсии рӯзи 30 апрел Президенти Ўзбекистон бо роҳбарони палатаҳои Олий Маҷлис, ҳизбҳо, мақомоти ҳокимияти судӣ ва иҷроия, инчунин фаъолони ҷамъиятӣ мулоқот анҷом дод. «Мутобиқи моддаи 128-уми Конститутсияи навшуда сарвари Ўзбекистон ба фармон оиди таъин кардани интихоботи пеш аз муҳлати президентӣ имзо гузошт, – гуфта мешавад дар мақола. – Мувофиқи он интихоботи президентӣ дар Ўзбекситон пеш аз муҳлат дар тӯли ду моҳ гузаронда мешавад», – хулоса мекунад «Eurasiaticanews».

Дар сомонаи **шабакаи** маъруфи хабарии **телевизиони** Полша **«SIEWIE.TV»** низ дар бораи рӯйдоди муҳими сиёсӣ дар Ўзбекистон мақола нашр шудааст. Телевизион хабар медиҳад, ки дар ҷамъомади рӯзи 8 май натиҷаҳои раъйпурсии 30 апрел оид ба Қонуни асосии Ўзбекистон баррасӣ шуд. Қайд карда мешавад, ки барои иҷрои бомуваффақияти чунин вазифаи васеъмиқёс мувофиқи мақсад аст, ки дар низоми навшудаи ҳокимияти давлатӣ халқ бояд ба роҳбаре, ки ба он боварӣ дорад мандад диҳад. Дар баробари ин дар рафти мулоқот қайд гардид, ки гузарондани интихоботи пеш аз муҳлати президентӣ ба таъмини фаъолияти ҳокимияти давлатӣ мувофиқи талаботи конститутсияи навшуда, татбиқи пурраи тамоюли ҳокимияти халқ хидмат хоҳад кард.

**Агентии хабарии «United News of India» (UNI)** низ аз баргузории интихоботи пеш аз муҳлати президентии Ўзбекистон дар 9 июл хабар дод. Хабарнигори агентӣ менигорад, ки Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба фармон имзо кард, ки мувофиқи он 9 июл дар кишвар интихоботӣ пеш аз муҳлати сарвари давлат баргузор мегардад.

UNI инчунин хабар медиҳад, ки Конститутсияи кишвар ба сарвари давлат имкон медиҳад, ки интихоботи пеш аз муҳлати президентиро дар давоми ду моҳи баъди эълони он гузаронад.

«Мувофиқи моддаҳои 110 ва 128-и Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон ва моддаҳои 66-и Кодекси интихоботии Ҷумҳурии Ўзбекистон интихоботи пеш аз муҳлати Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон 9 июли соли 2023 таъин карда шавад», – гуфта мешавад дар фаромоне, ки дар канали расмии телеграми Президенти Ўзбекистон нашр шудааст», – таъкид меёбад дар хабари UNI.

Як қатор нашрияҳои оммавии Ҳиндустон дар саҳифаҳои худ пайёми UNI-ро чоп карданд, ки дар он гуфта мешавад, ки интихоботи пеш аз муҳлати президентӣ дар Ўзбекистон моҳи июл баргузор мешавад.

Воситаҳои ахбори оммавии туркман низ равандҳои сиёсиро, ки дар кишвари мо ҷараён дорад, фаъолона инъикос мекунад, аз ҷумла **агентии хабаргузории «News Central Asia»** ва портали **хабарии маъруфи «ORIENT»** дар бораи интихоботи пеш аз муҳлати президентии Ўзбекистон гузориш медиҳад. ВАО менависанд, ки овоздиҳӣ рӯзи 9 июл баргузор мешавад ва фармони дахлдор аллакай ба имзо расидааст. «Ҳуқуқи Президент бобати таъин намудани интихоботи пеш аз муҳлат дар таҳрири нави Конститутсияи Ўзбекистон мустаҳкам шудааст, ки он дар натиҷаи раъйпурсии 30 апрел қабул шуда, 1 май эътибор пайдо кардааст, – хабар медиҳад нашр. – Тағйироте, ки аз Конститутсияи навшуда бармеоянд, ба қонунгузории амалкунандаи интихобот ворид карда шудаанд». Гуфта мешавад, ки қаблан сарвари Ўзбекистон ба Қонуни конститутсионӣ имзо кард, ки тибқи он ба Кодекси интихоботии кишвар меъёр дар бораи баргузории интихоботи пеш аз муҳлати президентӣ дар сурати аз ҷониби Президент эълон шудани он пурра карда шуд.

**Маҷаллаи бонуфузи англисизабони Куриёи Ҷанубӣ «The Korea Post»** менависад, ки сарвари Ўзбекистон таъкид намуд, ки дар Конститусияи навшуда манфиатҳои тамоми табақаҳои аҳолӣ, иштироки фаъолонаи мардум дар таҳия ва қабули он ба тариқи раъйпурсӣ ба инобат гирифта шудааст. Ин далили он мебошад, ки ҳуҷҷат Конститутсияи ҳақиқатан халқӣ мебошад.

Хабар дода мешавад, ки дар мулоқот таъкид гардид, ки оид ба татбиқи Конститутсияи навшуда дар ҳаёт ва таъмини иҷрои он вазифаҳо гузошта шуданд.

«Ҳамин таъриқ Президенти Ўзбекистон фармони дахлдорро имзо кард. Иштирокдорони воҳӯрӣ эътироф карданд, ки ташаббус намунаи эҳтиром ва садоқатмандии бепоёни Президенти кишвар ба халқи ўзбек ва тамоюлҳои демкоратӣ мебошад», – менависад маҷаллаи «The Korea Post».

**АИ «Дунё».**

## *Назаре аз ҶФО:*

# ШАҲРҲОЕ ЧУН САМАРҚАНД ВА ТОШКАНД БАРОИ БИСЁРИҲО ТУФАЙЛИ АФСОНАҲОИ «ҲАЗОРУ ЯК ШАБ» ОШНО МЕБОШАНД

***Намоишгоҳи «Хазинаи ҳафриётии Ўзбекистон. Аз Искандари Мақдунӣ то Салтанати Кушониён», ки 3 майи соли равон бо ҳузури Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Федералии ҶФО Франк-Валтер Штайнмаер дар Берлин кушода шуд, то ҳол эътибори тамошобинон ва расонаҳои ахбори оммавии Олмонро ҷалб менамояд.***

Шабакаи телевизионии «RBB-Aernsehen» (Барномаи телевизионии радиои Берлин ва Бранденбург), ки беш аз 1,5 миллион нафар тамошобин дорад, дар бораи воқеаи мазкур гузориш омода кард. «Тошкент. Самарқанд. Бухоро. Танҳо номи шаҳрҳои Ўзбекистон чун дар афсона ва саргузаштҳо садо медиҳанд. Осорхонаи нав ва нигористони Ҷеймс Симон ба ин олами афсонавӣ фурӯ меравад ва «Хазинаи ҳафриёти Ўзбекистон» – санадҳои даврони байни асрҳои IV-и то милод ва асри IV-и даврони моро намоиш медиҳад. Садҳо нигораҳо бори аввал дар Олмон ба намоиш гузошта шудаанд. Зебу зинатҳои аҷиб, ҳайкалчаҳои зебо – ҳамаи онҳо аз гузаштаи дур шаҳодат медиҳанд, гувоҳи он мебошанд, ки замоне тамаддун дар Ўзбекистон инкишоф ёфта будааст, тамаддуне, ки ҳанӯз дар гузаштаи дур Шарқ ва Ғарбро мепайваст. Он санад, ки ин хазинаи санъат бори аввал дар Берлин намоиш дода мешавад, ҳатто барои рӯзноманигороне, ки аз Ўзбекистон омадаанд, ғайриоддӣ буд, – сабт мекунанд расонаҳои ахбори оммавӣ.

Рӯзномаи ҳамарӯзаи «Berliner Morgenpost», ки беш аз 100 ҳазор нусха чоп мешаваду хонандагонаш бо назардошти нусхаи онлайнии он тақрибан 500 ҳазор нафар мебошанд, таҳти сарлавҳаи «Дар намоишгоҳ бозёфтҳои нодир аз Ўзбекистон гузошта шудаанд» мақолаеро интишор намуд. Дар он таъкид карда мешавад, ки намоишгоҳ дар Осорхонаи нав ва нигористони Ҷеймс Симон кишвари Осиёи Марказиро ҳамчун чорроҳаи тамаддуни ҷаҳонӣ нишон медиҳад. «Анқариб 280 ашё аз Ўзбекистон ба Берлин фиристода шуд, ки ҳоло якҷо бо тақрибан 70 нигора аз бунёди берлинӣ дар бораи сарвати таърихӣ, ҳамчунин гуногунрангии ғайриоддии фарҳангӣ маълумот медиҳанд»,– зикр мегардад дар мақола.

Дигар рӯзномаи ҳамарӯза «Berliner Zeiung» («Берлинер Сайтунг»), ки бо теъдоди 150 ҳазор нусха чоп шуда, хонандагонаш ба 900 ҳазор нафар мерасад, навиштааст: «Намоишгоҳ дар Осорхона касро ба соҳате мебарад, ки Аврупо бо Шарқ – ҳамчунин Олмон ба Ўзбекистон рӯ ба рӯ мешаванд». Тавре ки нашрия қайд мекунад, намоишгоҳ тамошобинро ба Ўзбекистони қаблан ношинос мебарад, ба Ўзбекистоне, ки дар Олмон таҳти таъсири меъмории исломии Бухоро ва Самарқанд ташаккул ёфтааст. «Тамошои осори пешниҳодшуда моро ҳамчунин бо тамаддуни юнониён, ки Искандари Мақдунӣ ҳангоми юришҳояш бо худ ба он минтақа бурда буд, ошно мекунанд. Ин натиҷаи омезиши Шарқи Дур, Аврупо бо Осиё мебошад. Чунин омезишро, барои мисол ҳайкалчаҳои аввалини Буддо собит месозанд. Ин ҳамоиш қодир аст тасавуротро дар бораи он, ки чӣ марказ ба шумор меравад ва чӣ қаробати он халалдор кунад», – таъкид менамояд «Berliner Zeiung».

Дар сомонаи рӯзномаи «B.Z./ B.Z. am Sonntag» мақола таҳти унвони «Гӯё аз «Ҳазору як шаб». Хазина аз Ўзбекистон дар нигористони Ҷеймс Симон» «Шаҳрҳое чун Самарқанд ва Тошканд, то ҳол барои бисёриҳо аз афсонаҳои «Ҳазору як шаб» шиносанд, чоп шудааст. Искандари Мақдунӣ дар бораи ин минтақа бо ифтихор ҳарф задааст, ҳамчунин Марко Поло ва Ҳӯте. Намоишгоҳи нав ба бинандагон имкон медиҳад, ки ба таърихи қадимаи Ўзбекистон саёҳат кунанд», – менависад нашрия.

Дар мақола гуфта мешавад, ки тӯли асрҳо Шоҳроҳи абрешим хатсайри муҳимтарини савдои ҷаҳон ва Ўзбекистон дар қалби он ҷойгир буд. Намоишгоҳи «Хазинаи ҳафриётии Ўзбекистон» дар нигористони Ҷеймс Симон ва Осорхонаи нав собит менамояд, ки таърихи ин мамлакат чи гуна тӯлонӣ ва рангин аст.

**АИ «Дунё»,**
*ш. Франкфурти лаби Майн.*

# ШОИРИ ХАЛҚИИ ЎЗБЕКИСТОН ОЙДИН ҲОҶИЕВА

Адабиёти Ўзбекистон талафоти вазнин дод. Шоири халқии Ўзбекистон, адабиётшиноси маъруф ва арбоби ҷамъиятӣ Ойдин Ҳоҷиева дар синни 82-солагӣ даргузашт.

Ойдин Ҳоҷиева 22 апрели соли 1942 дар деҳаи Бӯстони ноҳияи Қизилтеппаи вилояти Навоӣ таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаби миёнаи ноҳия дар факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тошканд (ҳоло Донишгоҳи миллии Ўзбекистон) таҳсил кардааст. Дар маҷаллаи «Шарқ юлдузи» корманди адабӣ, мудири шуъба, баъдан сармуҳаррири маҷаллаи «Гулхан» шуда кор кард.

Ойдин Ҳоҷиева пайрави шоистаи Зулфияхонуми маъруф буда, дар маҷаллаи занони Ўзбекистон «Саодат» пурсамар кор карда, солҳои зиёд сармуҳаррири он буд. Дар ин муддат нашрия ба минбари бонуфузи чопӣ табдил ёфт, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниро ҳимоя мекунад, ҳаёти занон, орзую умедҳои кишварамонро холисона инъикос менамояд.

Ойдин Ҳоҷиева бо меҳнати худ сазовори эътироф ва муҳаббати халқ гардидааст. Аввалин китоби ашъори ӯ «Шабнам» соли 1970 аз чоп баромад. Тӯли қариб шаст соли фаъолияти эҷодии шоира аз зери қалами ӯ даҳҳо китоби аълои шеърӣ ва публитсистӣ, аз қабили «Паноҳгоҳ», «Суруди дӯстдошта», «Оҳанг», «Хабари хуш», «Модари азиз», «Чашмаҳо меҷӯям», «Асарҳои мунтахаб» чоп шуд, ки дар онҳо меҳру садоқатро ба Ватан, эҳтиром ва гиромидошти модар, зан, хиссиёти баланди инсониро тараннум кардааст.

Асарҳои шоира ба даҳҳо забонҳои ҷаҳон нашр шудаанд.

Дар навбати худ Ойдин Ҳоҷиева асарҳои ашъори бисёр намояндагони барҷастаи адабиёти хориҷи дур ва халқҳои бародарро ба забони ўзбекӣ тарҷума кардааст.

Ў ҳамчун узви Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон дар ба аҳолӣ васеъ фаҳмонда додани моҳияти ислоҳоти иҷтимоию иқтисодии дар кишвар гузаронидашуда, ба зинаи нав баланд бардоштани равандҳои адабӣ, тарбияи ҷавонони лаёқатманд, махсусан духтарон намунаи ибрат нишон дод.



Хидматҳои Ойдин Ҳоҷиева дар инкишофи адабиёти миллӣ аз тарафи давлати мо баланд қадр карда шудааст. Ў ба унвони фахрии «Шоири халқии Ўзбекистон» сазовор гардида, бо орденҳои «Эл-юрт ҳурмати», «Фидокорона хизматлари учун» мукофотонида шудааст.

Хотираи арбоби машҳури адабиёт, мураббии ғамхор, инсони поквиҷдону хоксор Ойдин Ҳоҷиева дар қалби мо абадӣ боқӣ мемонад.

**Ш. МИРЗИЁЕВ, Т. НОРБОЕВА, Н. ИСМОИЛОВ, А. АРИПОВ, З. МАҲКАМОВА, С. САИДОВ**

***Дар Донишкадаи байналмилалии Осиёи Марказӣ бахшида ба 100-солагии Ҳайдар Алиев конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ баргузор гардид. Он таҳти мавзӯи «Нақши Ҳайдар Алиев дар инкишофи ҳамкориҳои Ўзбекистон ва Озарбойҷон» ба вуқӯъ пайваст.***

# НАҚШИ ҲАЙДАР АЛИЕВ ДАР РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ОЗАРБОЙҶОН

Дар конфронс намояндагони Олий Маҷлис, сохторҳои дипломатӣ ва ҷомеаи илмии ду кишвар, Ҷамъияти дӯстии Ўзбекистон – Озарбойҷон, Иттифоқи нависандагон, ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳҳои бонуфузи Ўзбекистону Озарбойҷон иштирок доштанд.

Гуфта шуд, ки хосатан аз замони касби истиқлол рушди равобити ҳасанаи ду кишвари дӯсту бародар барои ҳимояи манфиатҳои мардуми он хидмат хоҳад кард. Ўзбекистон ва Озарбойҷон талош ба харҷ медиҳанд, ки новобаста аз чолишҳои замона ва бӯҳрони иқтисодӣ дар сатҳи байналмилалӣ бар асоси ғояву лоиҳаҳои нав ҳамкориҳоро дар шакли густурда идома медиҳанд, ки таҳкими ҳамкориҳои ду кишварро беш аз пеш таъмин хоҳанд кард.

**(Мухбири худамон).**

# МАЙДОНИ НИҲОЛҲО ВАСЕЪ МЕГАРДАД

***Макони сабз. Ин ибора имрӯз вирди забонҳо гардидааст. Ба шиор табдил ёфта, ба ҳаракати умумимиллӣ мубаддал гардидааст. Дар ҳазорҳо гектар заминҳои вилояти Навоӣ ниҳолҳои манзаравию мевадор ва буттазор шинонда шуданд. Роҳбари давлат 25 ноябри соли 2022 ҳангоми ташриф ба вилоят ба ин ташаббус асос гузошта, пешниҳод карда буд, ки вилояти Навоӣ ба ҳудуди «Макони сабз»-и намунавии ҷумҳурӣ табдил дода шавад.***

– Баҳори соли равон бо мақсади таъмини самараноки ниҳолшинонӣ дар назди ҳокимиятҳои ҳудудӣ штаби амалиёт таъсис дода шуд, – мегӯяд сармутахассиси идораи вилоятии Вазорати ресурсҳои табиат Шаҳзод Саидмуродов. – Штаб фаъолияти ҳамарӯзаи ҳокимиятҳо, корхона ва ташкилотҳоро мутобиқ ва назорат менамояд. Мақсад аз ин ташаббус муҳайё намудани муҳити солими экологӣ ба наслҳои оянда мебошад ва ҳамаи саъйю ҳаракат ба фаровонсозии ҳаёти ҷавонон нигаронида шудааст. Бо ин мақсади наҷиб баҳори соли равон дар атрофи роҳҳои магистралии автомобилгард, роҳҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо, заминҳои хоҷагии деҳот, хоҷагиҳои фермерӣ, объектҳои соҳаи иҷтимоӣ, корхона ва соҳаҳои хизмати маишӣ ва ҳудуду маҳаллаҳои тобеи идораи ободгардонӣ 8,8 миллион бех ниҳолҳои мевадору манзаравӣ шинонда шуданд.

Бояд таъкид дошт, ки дарахтон ангидриди карбонатро фурӯ бурда, оксиген ихроҷ мекунанд. Инсон оксиген нафас мекашад. Ба замми ин фасли гармо ҳаворо мӯътадил нигоҳ дошта, табиатро оро медиҳад ва инсонро завқу шавқ мебахшад. Татбиқи ҳар як ташаббуси хайр инсонро роҳат мебахшад.Ба ин мақсад идораи вилоятии вазорати ресурсҳои табиат дастурҳои дақиқро кор карда, чораву тадбирҳо андешидааст. Дар ҳар ноҳия на кам аз 5 гектар замин ҷудо карда шуда, омодасозии он барои киштукори ниҳолҳо анҷом дода шуд. Муаммои обёрӣ ҳаллу фасл гардид. Нақшаи кории ҳар як корхонаву муассиса, ташкилоту субъектҳои хоҷагидорӣ муайян гардид.

– Бо назардошти вазъи иқлими вилоят ниҳолҳое интихоб шуданд, ки ба камобӣ ва ҳар гуна касалиҳо тобовар мебошанд, – мегӯяд Ш. Саидмуродов. – Гужм, қайрағоч, акатсия, заранг, тут, санҷид, чормағз, сафораи ҷопон аз ҳамин қабил ниҳолҳо мебошанд. Дар 166,2 гектар замини 11 субъекти ниҳолпарварӣ 4,2 миллион ниҳоли мевадор, манзаравӣ ва бутаву гул рӯёнида шудаанд. Барои риояи таъмини қоидаҳои агротехникӣ бо иштироки олимон, ҳосилот ва боғбонҳои соҳибтаҷриба дар ноҳияҳои Конимех, Қизилтеппа, Навбаҳор, Хатирчӣ ва шаҳри Навоӣ семинарҳои илмиву амалӣ баргузор гардиданд.

Аз аввали мавсим дар вилоят 7 миллиону 496 ҳазор бех ниҳолҳо шинонида шудааст.

Ҳар гоҳе дар кӯчаву хиёбонҳои шаҳр ва ё маркази ноҳияҳо гаштугузор ва ё бо автомобил гузар мекунед, аз тамошои дарахту бутаву гулҳо баҳри дили кас кушода мешавад. Ҳангоми гузар аз шоҳроҳҳо майдонҳои васеи дарахтзорҳо ҳаловат бахшад касро. Оре, дасти одам гул аст. Майдонҳои дарахтзори мевадору манзаравӣ рӯз ба рӯз доман паҳн мекунад.

Аз нек боғ мемонад, гуфтаанд.

Бале, ташаббуси «Макони сабз” натанҳо ба имрӯз, балки баояндаи наздику дур нигаронида шудааст.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик”.**
*Вилояти НАВОӢ.*

***Намояндагони як қатор ширкатҳои сайёҳии Олмон дар Ўзбекистон қарор доранд. Қарор аст, ки байни ду кишвар дар бобати гардишгарӣ низ ҳамкориҳои густурда ба роҳ монда хоҳанд шуд. Баъди мулоқоту гуфтушунидҳо ва боздид аз манотиқи гуногуни Ўзбекистон дар шаҳри Тошканд нишасти байналмилалии «Destination Forum” баргузор гардид.***

# ҲАМКОРИИ ШИРКАТҲОИ САЙЁҲИИ ОЛМОН БО ЎЗБЕКИСТОН

– Ҳамкории Ўзбекистон ва Олмон дар соҳаи сайёҳӣ яке аз самтҳои муҳими рушди муносибатҳои иқтисодии ду кишварро ташкил мекунад. Маҳз барои ҳамин ҳар як нишасту чорабинии муҳими Олмон бидуни иштироки намояндагони мо намегузарад. Дар муддати чанд рӯз операторҳои сайёҳӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори Олмон аз кишварамон дидан карданд ва тавассути сафарҳои матбуотӣ дидору мулоқотҳои гуногун анҷом доданд ва ин раванд идома дорад. Гузашта аз ин, баргузории «Рӯзҳои сайёҳӣ ва фарҳанги Ўзбекистон” дар Олмон ба як анъанаи хубе табдил ёфтааст, ки аз тавсеаи ҳамкориҳои мо дар бахши туризм шаҳодат медиҳад, – гуфт вазири фарҳанг ва сайёҳии Ўзбекистон Озодбек Назарбеков.

**(Мухбири худамон).**

### *ХАБАРҲО*

### ТАТБИҚИ БОЗ ЯК БАРНОМАИ МУҲИМИ ДАВЛАТӢ

***Таъмини шуғли аҳолӣ, коҳиш додани камбағалӣ, таъмин намудани мамлакат бо мутахассисони соҳибихтисос яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатист. Президент дар ҷамъомади навбатӣ ба ҳамин мавзӯъ алоҳида истода гузашт ва дар бораи зарурияти ба амал бароварда шудани барномаи «20 ҳазор соҳибкор – 500 ҳазор нафар мутахассиси соҳибихтисос” маълум намуд. Барномаи мазкур аз 1 июни соли равон ба амал бароварда мешавад.***

Ба барнома барои солҳои 2023-2024 ҷамъ 1 миллиард доллар маблағ ҷудо карда мешавад.

Барои соҳибкороне, ки дар татбиқ сохтани барнома иштирок менамоянд, дар пардохти андоз имтиёзҳои алоҳида ҷудо карда мешаванд. Сабукиҳои гумрукӣ низ ба иштирокдорон мавриди назар аст. Роҳбароне, ки ба ин масъала аз паси панҷа менигаранд, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Ба Девони Вазирон, вазоратҳои коҳиши ночорӣ ва шуғл, иқтисодиёт ва молия супурда шуд, ки ба маҳалҳо баромада, масъалаву мушкилотеро, ки соҳибкорон бардоштаанд, омӯзанд, ба онҳо ёрии амалӣ расонанд.

### САНҶИШҲО ДАР ИНШООТИ ПЎШИДА

***Маълум, ки бинобар пандемия се соли охир санҷишҳои тест барои ворид шудан ба муассисаҳои таълими олӣ дар ҳавои кушод гузаронда шуданд. Аз ибтидои моҳи майи соли равон коронавирус ҳолати фавқулоддагии худро гум кард.***

Акнун барои гузаронидани санҷишҳои тест барои соли таҳсили 2023-2024 92-то иншооти пўшида интихоб карда шуд. Дар ин хусус Вазорати таълими олӣ, фан ва инноватсия маълум намудааст.

Аз 15-то фани таълими умумӣ 26520-то ва бо забонҳои қазоқӣ, қирғизӣ, тоҷикӣ ва туркманӣ 2400-то супоришоти тест ташаккул дода шуда, аз экспертиза гузаронида мешавад. Аз байни ҷомеаи васеъ аз 8956 нафар номзадҳо, ки номнавис шудаанд, наздик 4000 нафарашон ҳамчун назоратчии гурӯҳ интихоб гардида, шартномаҳо бо онон расмӣ гардонда мешавад.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик”.**

# РОҲИ НАВИ ДАРОМАД

***Директори ширкати истихроҷи нафту гази «Saneg” Тӯлқин Юсупов гуфт, бо ҳамкории Маркази илмӣ ва технологии «GRDC” муваффақ шудаанд, ки дар ду тавлидгоҳи нафту гази вилояти Қашқадарё таҷҳизоти модулии компрессорӣ насб намоянд.***

Вай зикр кард, ки таҷҳизоти модулии компрессорӣ бори нахуст дар чоҳҳои нафту гази «Шимолий Шӯртан” ва «Тӯртсари” насб гардида, газҳои фишорашон пастеро, ки дар саргаҳи чоҳҳо пайдо мешаванд, кашидаву ҷамъ меоварад ва пас аз коркарди махсус дар истифодаи умум қарор медиҳад. Аз ин пеш ба чунин газҳо эътибор намедоданд ва бесуд даргиронда мешуданд. Дар тавлидгоҳҳои нафту газ ҳамеша ба мушоҳида мерасид, ки аз лаби лӯлаҳои баланди оҳанӣ фаввораи оташ ба ҳаво мехезад ва гуфта мешавад, ки ин ҳамон қисмати газҳое мебошанд, ки дар саргаҳи чоҳҳо ҷамъ меоянд ва қаблан корношоям маҳсуб мeёфтанд. Ин тавр, аз оташ додани ин чунин газҳо, ки аслан дорои заҳрҳои кимиёвӣ ҳастанд, ҳавои атроф олуда мегашт ва табиати диёр хисороти ҷиддӣ медид. Аммо бо насб гардидани таҷҳизоти модулии компрессорӣ ин газҳо умри дубора ёфта, ба истифодаи мардум равона мешаванд ва ҳамин тавр, аз як ҷониб даромади иқтисодӣ ба даст ояд, аз тарафи дигар мушкилоти экологии пешомада дар минтақа ҳалли худро пайдо мекунад. Аз коркарди газҳои қаблан камаҳамият ҳоло Ширкати истихроҷи нафту гази «Saneg” даромади хуб ба даст меорад. Назар ба гуфтаи роҳбари ин ширкат Тӯлқин Юсупов, дар як шабонарӯз аз ду тавлидгоҳ («Шӯртани шимолӣ» ва «Тӯртсари») ҳудуди 53 ҳазор метри мукааб гази тоза коркард шуда, барои истифода ба ҳавлиҳои мардум, бунгоҳҳои фурӯши газ ба мошинҳо ва ба неругоҳҳои истихроҷи барқ равона карда мешаванд.

Айни ҳол ширкат агрегати дувуми таҷҳизоти модулии компрессориро насб намуда, умедвор аст, ки рӯзҳои наздик ба истифода супорад. Ин таҳҷизот дар саргаҳи чоҳҳои «Янги Қаратепа», «Қаратепа» ва «Рубоӣ» гузошта шуда, имкон медиҳад, ки дар як шабонарӯз 60-70 ҳазор метри мукааб гази холис аз заҳрҳои кимиёвӣ коркард кунад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар Қашқадарё.**



## Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ меафзояд

*Ҳоло дар ноҳияи Янгийўли вилояти Тошканд ҷамъ 648-то корхонаи саноатӣ фаъолият мебарад, ки дар он 16725 нафар бо кор таъмин мебошанд.*

*Корхонаҳои мазкур соли 2021 1504 млрд. сўмина, соли 2022 бошад, 1832 млрд. сўмина маҳсулот истеҳсол намуданд.*

*Дар доираи барномаи инвеститсионии маҳаллӣ бо мақсади таъмини шуғли аҳолӣ ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба нақша гирифтаанд, ки 52-то самти бофандагӣ, сохтмон, электротехника ва ғайра лоиҳаҳои саноатӣ, ки 96, 8 миллион долларина арзиш дорад, ба кор андохта шавад.*

*Бинобар ин, имсол дар ноҳия шумораи корхонаҳои саноатӣ ба 700-то, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 2 трлн. сўм расонда, 2957 ҷойи нави корӣ ташкил карда мешавад.*

*Яке аз корхонаҳои бузурги ноҳия заводи мошинсозии «Enter Steel” мебошад, ки ба сохторҳои оҳанин, кранҳои борбардори чорпоя ихтисосонида шудааст 750 нафарро бо кор таъмин намудааст.*

*Корхона соли 2019 ба фаъолият оғоз намуда, майдони умумии он 10 гектар мебошад. Қувваи солонаи истеҳсолии корхона ба омода намудани ҳазор тонна сохтори оҳанин кифоя мекунад.*

***Н. НОДИРОВА,***
***хабарнигори «Овози тоҷик».***

# РИШТОН БА ФОРУМИ КУЛОЛГАРӢ МИЗБОНӢ КАРД

**12-14 майи соли равон «Маркази байналмилалии кулолгарӣ»-и Риштон ба майдони форуми байналмилалӣ ва табодули таҷриба табдил ёфт. Ин шаҳристон дар Роҳи бузурги абрешим воқеъ гаштааст, барои ҳамин дар гузашта низ ҷиҳати рушди санъати ҳунарҳои гуногуни мардумӣ, хосатан кулолгарӣ нақши муассир бозидааст.**



Форум таҳти унвони «Ҳунарҳои мардуми турктабор» баргузор гардид. Он ғайр аз ҳунармандони Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Туркманистон, Озарбойҷон ва Туркия, инчунин кулолони соири кишварҳои дигар,



мисли Тоҷикистон, Фаронса, Исроил, Чехия ва амсоли онро гирдиҳам овард.

– Риштон ва риштониён аз давраҳои қадим маҳз бо ҳунари кулолгарии худ машҳур гаштаанд. Дар ин ҷо чандин сулолаи кулолгарӣ сабзида расидаанд, ки маҳсулоташон дар ҳамин ҳол тамоми бозорҳои дунёро забт намудааст. Зимни сайру гашт дар ин макони ҳунар бовар ҳосил хоҳед кард, ки мардуми меҳнаткарини Риштон то чӣ андоза ба ҳунари ниёкони худ арҷи бузург мегузоранд ва онро бо ифтихор давом медиҳанд, – изҳор намуд ноиби ҳокими вилоят Хуршедҷон Аҳмедов.

Раиси Иттиҳодияи ҷумҳуриявии «Ҳунарманд» Улуғбек Абдуллоев зимни суханронӣ ба он нукот таваҷҷуҳи иштирокчиёни ҷашнвораро ҷалб намуд, ки давлат ва ҳукумати Ӯзбекистон дар солҳои касби истиқлол ба рушди ҳунари кулолгарӣ шароити мусоид фароҳам овардааст. Ба гуфтаи ӯ таърихи анъанаҳои чандинасраи ин ҳунари мардумӣ дар шакли густурдаву доманфарох идома ёфтааст ва ҳатто мавриди таҳқиқоти коршиносону пажуҳишгарони соири кишварҳои дунё қарор гирифтааст.

Дарвоқеъ, «Маркази байналмилалии кулолгарӣ»-и Риштон бар асоси фармони Президент арзи вуҷуд намудааст. Он барои намояндагони сулолаҳои маъруфи кулолгарии ин шаҳр, ки қаблан дар ҳавлӣ ва корхонаҳои бидуни шароити созгор кору фаъолият мекарданд, чунин шароит муҳайё намудааст. Ин бино аз ду ошёна иборат буда, ошёнаи аввали он барои кор ва ошёнаи дуввум барои зиндагии хонаводаи аҳли ҳунари кулолгарӣ муқаррар гардидааст.

Қобили қайд аст, ки ин марказ бо равиши кластерӣ соҳиби бартариҳои хос мебошад. Дар ояндаи наздик базаи саноатии дорои иқтидори баланд, ки имкон медиҳад, ҳаҷми истеҳсоли маснуоти сафолии дар ҷаҳон беназир хеле зиёд карда шавад ва дар айни замон платформаи омӯзонидани маҳорат ба ҷавонон аз ҷониби мутахассисон бар асоси принсипи «устоду шогирд» ташкил карда шудааст. Ин марказ метавонад дар рушди минбаъдаи анъанаҳои ҳунармандони Риштон марҳалаи нав ба вуҷуд оварад.

Дар ҷашнвора гуфта шуд, ки санъати кулолгарии Риштон ба сатҳи хеле баланд расида, ҷуғрофиёи содироти худ ба хориҷи кишварро беш аз пеш густариш медиҳад. Тавре ки таъкид гардид, ноҳияи Риштон равобити байналмилалиро дар соҳаи кулолгарӣ низ сол то сол ривоҷ медиҳад. Ин шаҳр бо шаҳри машҳури Дерута ва Гуалдо – Торинои Италия, шаҳраки Масико – маркази сафолгарии Ҷопон, шаҳристони Изники Туркия ва амсоли он ҳамкориҳоро ба роҳ мондааст.

Дар доираи лоиҳаи «Мероси фарҳангии Ӯзбекистон дар маҷмӯаҳои ҷаҳон» маросими муаррифии китоб-албоми «Анъанаи кулолгарии Риштон» баргузор гардид.

Инчунин, дар чаҳорчӯби ҷашнвора таҳти унвони «Сайли маҳсулоти кулолгарӣ» маҳсули дастони беш аз 150 устои мактабҳои кулолгарии минтақаҳои мухталифи кишварамон, ки аз зумраи намояндагони маъруфи сулолаҳои ин навъи санъату ҳунармандӣ мебошанд, ба намоиш гузошта шуданд. Баъд барои ҷавонон ва муштариёни ин санъати нафис дарсҳои малакаву маҳорат гузаронида шуд.

Ногуфта намонад, ки Иброҳим Комилов, Бобоҷон Нишонов, Ҳаким Сатторов, Шарофиддин Юсуфов, Алишер Назиров, Музаффар Саидов ва дигарон идомадиҳандагони мактаби маҳорати Риштон муаррифӣ шудаанд.

**Мирасрор ФАРҒОНӢ.**
***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

*Раҳовард*

# ПСКОМИ АЗИЗ, МЕҲРИ ТУ ДАР СИНАИ МОСТ!

Роҳбаладии ин сафари моро ба деҳаи Пскоми ноҳияи Бӯстонлиқ корманди ҳокимияти шаҳри Тошканд, зодаи деҳаи Пскоми ноҳияи Бӯстонлиқ, докторанти Донишгоҳи давлатии Самарқанд Ситора Раҳмонбердиева бар дӯш дошт.

Вақте ки таксӣ моро ба шаҳри Чирчиқ расонд, Ситора гуфт, ки масофаи боқимондаи роҳро тавассути мошини дигар тай хоҳем кард. Ин лаҳза мошини сафеди «Кобалт» ғиррӣ карда омаду назди мо қарор гирифт.

– Ана ҳамин мошин моро ба Пском бурда меорад, – гуфт Ситора.

Маълум шуд, ки ронандаи он – Иброҳимҷон Туроббоев низ зодаи ҳамин деҳа мебошад ва ҳоло дар идораи обуҳавосанҷии шаҳри Чирчиқ муҳандис аст.

Иброҳимҷон ҷавони хубу дидадаро ва чақ-чақӣ будааст.

– Кадрҳои зиёди псkomӣ дар шаҳри Чирчиқ ва маркази ноҳияи Бӯстонлиқ– шаҳри Ғазалкент сукунат ихтиёр кардаву машғули корҳои гуногун мебошанд. Имрӯз бо теъдоди зиёдашон дар варзишгоҳи мактаби деҳаамон шинос хоҳед шуд. Онҳо дар маросими «Вохӯрии се насл» ширкат мекунанд, – чашм аз роҳ наканда гуфт Иброҳимҷон Туроббоев.

Вақте ки Ситора дар оғози сафарамон гуфт, ки масофаи байни Чирчиқ – Пскомро дар муддати дуним-се соат тай хоҳем кард, ман чандон мутаваҷҷеҳи ин ҳарфҳои вай нашудам. Гумон кардам, ки вай дар омади гап инро гуфт.

Баъд ба дарки ин гуфтаҳои Ситора рафтам. Баъди тай кардани як миқдор масофа дар самти чапи дарё деҳаҳои тоҷикнишини Бурчимулло, Боғистон ва Нанай ба чашм расид. Аммо мошини мо ба он тараф тоб нахӯрд ва ҳаракаташро рӯ ба рӯ давом дод.

– Аз ҳамин минтақаи роҳ сафари мо ба тарафи деҳаи Пском оғоз меёбад ва тақрибан боз 40 километр роҳ тай мекунем,– гуфт ронанда.

Вақте ки роҳи мумфаршшуда хатм шуд ва аз пеш роҳи ноҳамвор баромад, Иброҳимҷон дарҳол суръати мошинро суст кард ва эҳтиёткорона мошин меронд. Роҳ аз пастиву баландиҳо ва ноҳамвориҳои зиёд иборат буд ва имкон намедод, ки вай суръати мошинро аз 15-20 км/соат изофа намояд. Дар баъзе ҷойҳо ин суръат боз ҳам паст мефаромад ва чуқуриҳои зиёди роҳ оҳиста паси сар мемонд.

– Ин ҷойҳо аз сатҳи баҳр дар бештар аз ҳазор метр баландӣ воқеъ гаштааст. Аммо деҳаи Пском боз ҳам баландтар – дар баландии 1 ҳазору 200 метр мавқеъ гирифтааст,– гуфт Ситора.

Номи ду деҳае, ки то расидан ба Пском аз пеш баромад, деҳаҳои тоҷикнишини Полвонак ва Қурдуптур, ду деҳаи дигар – Тепар ва Такаянғоқ аз деҳаҳои қирғиз ва қазоқнишин будаанд.

– Ғайр аз Пском дар он тарафи дарё боз як деҳа – Испай воқеъ гаштааст, ки сокинонаш пурра мардуми тоҷиктабор мебошанд, – афзуд роҳбаладӣ мо.

Аввалин ҳавлӣ дар деҳаи Пском, ки соҳибонаш моро бо эҳтиром ва меҳмоннавозии хос истиқбол намуданд, ба шифокор Абдуғанӣ Туроббоев тааллуқ доштааст. Ронандаамон– Иброҳимҷон яке аз писарони ҳамин хонавода будааст. Барои ҳамин бо қатъияти том гуфт, ки аввал андак кӯфти роҳро мебарорем ва баъди меҳмонӣ ба маросим меравем.

Ҳавлӣ пур аз меҳмонони дигар низ буд. Ба гуфтаи Иброҳимҷон онҳо хешу табори падару модари ӯянд, ки барои иштирок дар маросими «Вохӯрии се насл» аз шаҳрҳои Ғазалкент ва Чирчиқ ташриф овардаанд.

Кадбонуи хона – апаи Насиба дасторхони пурнозу неъмат густурда буд. Дар ҳавлӣ ду нафар – Парохат Тӯроббоева ва Зӯҳро Сулаймонова аз танӯр нонҳои калон-калони гарм канда, рӯи сабад мегузоштанд. Бӯйи нон тамоми гирду атрофи ҳавлиро фаро гирифта буд. Диққати маро косаҳои калони рӯи дасторхон ҷалб намуд. Гумон кардам, ки мизбонҳо барои меҳмонон мураббо ё шарбат гузоштаанд, аммо ҳамаи косаҳоро бо асали тозаи кӯҳистон пур карда будаанд!




(Давомаш дар саҳ.4).

# САФАРИ ПУРҶОЗИБА ВА ПУРСАМАР

***Дар шаҳри Чангшаи Чин саммити навбатии Федератсияи ҷаҳонии шаҳрҳои сайёҳӣ ба поён расид, ки дар он аз 90 кишвар намояндагони 159 шаҳри дунё ширкат варзиданд.***

– Боиси хушнудист, ки камина ҳамчун сарвари сарсадорати сайёҳӣ ва мероси фарҳангии вилояти Самарқанд дар он иштирок карда, иштирокчиёни анҷумани бошукӯҳро ба шаҳри бостонии худ даъват намудам, – гуфт Рустам Қобилов, – зеро Самарқанд ба рӯйхати шаҳрҳои сайёҳӣ ва таърихӣ ба қайд гирифта шудааст.

Бо сиёсати хирадмандона ва дурнамои сарвари давлатамон Самарқанд ба макони сайёҳӣ табдил меёбад. Танҳо соли гузашта ба шаҳри бостонии мо беш аз як миллион меҳмонони хориҷӣ ташриф оварда, бо як олам таассуроти хотирнишон бозгаштанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

***Дар Бухоро марҳилаи ҷумҳуриявии озмуни «Пайравони Ибни Сино» ба амал омад. Дар ин озмун ғолибони марҳилаи вилоятии тадбир, ки байни хатмкунандагони равияи «Кори ҳамшира»-и таълимгоҳҳои тиббии Вазорати ҳифзи тандурустӣ баргузор гардида буд, иштирок карданд.***

# ОЗМУНИ «ПАЙРАВОНИ ИБНИ СИНО» ДАР БУХОРО

Ҳамин тариқ, 14 нафар намояндагони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд мувофиқи панҷ шарти озмун бо ҳам мусобиқа карданд.

Толибаи коллеҷи тиббии Нукус Юлдуз Сайдуллоева ва толибаи техникуми саломатии ҷамоати Марғелон ба номи Абӯалӣ ибни Сино Шалола Абдуманнонова соҳиби ҷои якум, толибаи коллеҷи тиббии ҷумҳурӣ Ирода Абдуназарова сазовори ҷои дуюм, толибаи техникуми саломатии ҷамоати Бухоро ба номи Абӯалӣ ибни Сино Гӯзал Нутфуллоева муносиби ҷои сеюм гардиданд. Ба онҳо диплом ва тӯҳфаҳои Вазорати ҳифзи тандурустӣ супорида шуд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Бухоро.**

*Забон – оинаи миллат*

# АГАР СЕСАД ЗАБОН ДОНӢ, ФУЗУН НЕСТ...

Мо дар бораи забон борҳо сухан рондаем, дар шеър, мақола ва сурудҳо забони модариамонро боло мебардорему аммо дар асл-чӣ?

Ду сол пеш аз ин дар шаҳри Хуҷанди Тоҷикистон меҳмон шудам. Яке аз рӯзҳо ба мағозаи хӯрокворӣ даромадам. Аз фурӯшанда оиди маҳсулот пурсон шудам. Ӯ ба ман, дар ҳар ҷавоби худ ботааҷҷуб нигоҳ мекард. Охир ҳайрати худро пинҳон дошта натавониста, «Шумо аз Душанбе?» – пурсид ӯ. Ман бошам, духтари тоҷики Ӯзбекистон, хатмкардаи мактаби рақами 50-уми ноҳияи Попи вилояти Намангон буданамро гуфта, табассум кардам.

Дукондор маҳсулоте, ки дар даст доштам, ҳамаашро ройгон дод. Ин ҳурмат ба ман набуд, ин нишонаи ҳурмат ба забони модарӣ буд!

Азбаски донишҷӯ ҳастам, ҳоло дар пойтахт зиндагӣ мекунам.

Забон донистан, забон омӯхтан кори хуб. Дар ин хусус Лоиқ Шералӣ низ фармудааст:

*Агар сесад забон донӣ,*
*фузун нест,*
*Ҳама рӯзе ба кор оянд*
*забун нест.*
*Надонӣ гар забони*
*давлати худ,*
*Пушаймонӣ надорад,*
*оқибат суд.*

Ман фикр мекунам, чаро мо забони худро неву забонҳои дигарро омӯхтанамон шарт мебошад? Барои чӣ мо – тоҷикон кӯшиш наменамоем, ки забони модариамонро, монанди русӣ оммавӣ гардонем? Ҳатто ба ин, худи сарвари ватанамон ҳам роҳ кушода додаанд.

Маълум аст, ки дар кишварамон 245 мактаби умумитаълимӣ дар забони тоҷикӣ фаъолият мебарад. Дар донишгоҳҳои давлатии Бухоро, Самарқанд, Фарғона, Тирмиз ва Донишгоҳи омӯзгории Чирчиқ бахшҳои тоҷикӣ мавҷуд аст. Ғайр аз инҳо, рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Овози Самарқанд», «Ховар», маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» низ бо забони тоҷикӣ мебошанд.

Оре, барои мо ҳамон қадар имкониятҳои бисёр дода шудааст. Аммо барои чӣ забони худро ташвиқот наменамоем?!

Дар ҳамин ҷо, як сухани сарвари Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ёдам меояд: «Забони тоҷикӣ поянда аст, то даме, ки миллати тоҷик ҳаст, забони ӯ низ пойдор хоҳад буд!».

Биёед, эй рафиқон, пойдор бошем бо забони худ. Бисёртар китоб хонему нависем. Аз газетаву маҷаллаҳои худ истифода кунем, талаботи маънавии худро қонеъ созем, шумораи онҳоро аз чор ба даҳ расонем. Барномаҳои телевизионӣ, гуфторҳои радио ва нашрияҳои тоҷикиро беш аз пеш вусъат диҳем.

Охир гуфтаанд: «Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад».

**Саёҳат ХУДОЙБЕРГАНОВА,**
**донишҷӯйи факултаи менеҷменти Донишкадаи молияи Тошканд.**



*Дар вилояти Бухоро бобати боз ҳам баланд бардоштани иқтидори сайёҳӣ, васеътар ҷалбсозии сайёҳони хориҷӣ, афзунсозии самтҳои сайёҳӣ, ташкили меҳмонхонаи нав ва меҳмонхонаи оилавӣ, такмили хидматрасонӣ ва хидмати сервисӣ корҳои васеъмиқёс ба амал бароварда мешаванд. Инро дар сол то сол зиёд шуда истодани иштиёқи сайёҳон ба Бухорои куҳан ва навҷавон диданамон мумкин.*

*Соли 2021 миқдори сайёҳони хориҷӣ 30 ҳазору 800 нафарро ташкил карда бошад, соли 2022 ин нишондиҳанда ба 550 ҳазор нафар расид. Дар чаҳоряки аввали соли равон 400 ҳазор нафар сайёҳони хориҷӣ аз Бухоро дидан карданд.*

*Аз сайёҳони маҳаллӣ соли 2021 1 миллиону 405 ҳазор, соли 2022 2 миллиону 700 ҳазор нафар Бухороро зиёрат карданд. Сайёҳонро сайру саёҳат ба ҷойҳои таърихӣ, дидани обидаҳои меъморӣ бештар таваҷҷӯҳангез аст. То моҳи апрели соли равон сайёҳони маҳаллӣ, ки ба Бухоро омадаанд, 1 миллиону 200 ҳазор нафарро ташкил менамоянд.*

***Суратгир: Т. ИСТАДОВ (ЎзА).***

# «ТОВУСИ ХАЁЛ»-И ШУКРУЛЛОҲ




Шукруллоҳ зода ва парвардаи деҳаи Гулободи ноҳияи Олтинсойи вилояти Сурхондарё мебошад. Аз хурдсолӣ шеър машқ мекунад. Ҳарчанд имконияти биноияш маҳдуд аст, дар вақти холӣ аз китоб сар набардошта, ба мутолиа дода мешавад. Дидаи дилаш бинотар аз дидаи дили онҳое, ки бо чашмони сар дунё дида, вале гоҳо зебоиҳои онро дарк карда наметавонанд, ба қадри саломатӣ намерасанд, ба телефонҳои мобилӣ шабу рӯз зеҳн монда, нури чашмро, ки ламъае аз нури Илоҳист, беҳуда сарф мекунанд.

Дар ботини зебоипарвари Шукруллоҳ гоҳо ҳисҳое ба ҷунбиш омада, вомедоранд қалам ва коғаз ба даст гирад, манзараҳои нотакрори пеши назари қалбаш рӯйдодаро ба дафтар кӯчонад. Намунаҳо аз чакидаҳои қаламиаш дар рӯзномаҳои «Бохтар», «Ховар», «Халқ ва ҳаёт», «Бекаҷон», нашрияи электронии «Сабзманиш»-и Бунёди ҷаҳонии сухангустарони Эрон ва ҳоказо ба табъ расидаанд. Шеърҳои дар маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» эълоннамудааш низ писанди дӯстдорони шеъру сухан шуданд.

Инак, Шукруллоҳ дар пайраҳаи эҷод ҷиддитар қадам ниҳод ва аввалин дафтари ашъорашро ба чоп омода намуд.

Нашриёти «Ёш авлод матбаа» маҷмӯъаро бо унвони «Товуси хаёл» аз чоп баровард, ки 72 саҳифаро фаро гирифтааст. Ба маҷмӯъа, ки таҳти назар ва пешгуфтори устоди Донишгоҳи давлатии ховаршиносии Тошканд Ҷаъфар Холмӯъминов рӯйи дунё шудааст, дотсенти Академияи байналмилалии исломии Ӯзбекистон Наргис Шоалиева тақриз навиштааст.

Навъе дар аннотатсия қайд гардида, қаламиҳои шоири ҷавони тоҷик Шукруллоҳи Сироҷ хеле вақт инҷониб ба қалби дӯстдорони назм рӯшноӣ мебахшанд, аз сурудаҳои ӯ накҳати умед ба фардо, атри шукру сипос ба неъматҳои бешумори Парвардгор, шамими ишқу муҳаббат ба аҳли башар ва забони модариву хоки падарӣ ба машом мерасад.

Самимитарин шеърҳои Шукруллоҳ ба падар ва модар, ки дари калидҳои ҷаннат ба фарзанд мебошанд, бахшида шудаанд.

«Қасидаи забони модарӣ»-аш низ хеле таъсирбахш. Ғазали «Омӯзгор»-и шоири ҷавон бо ин гуна байтҳои ҷолиб оғоз меёбанд:

*Сад сипос, эй номи покат пир ҳам*
*омӯзгор,*
*Эй мисоли қиблагоҳам шаҳсутуни рӯзгор.*
*Мо зи ту омӯхтем илму адаб,*
*шеъру сухан,*
*Эй ба боғи илму маънӣ боғбону боғдор!*

Мо суханвари умедбахш Шукруллоҳро ба маҷмӯаи нахустин муборакбод мегӯем ва орзу менамоем аз шеър то шеър, аз дафтар то дафтар нумӯъ ва сарсабзии тоза ёбад, ба адабиёту шеърият, ба халқи илму адабпарвараш хидмати сазовор намояд.

**Ш. МУҲАММАД.**

# ПСКОМИ АЗИЗ, МЕҲРИ ТУ ДАР СИНАИ МОСТ!

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ростӣ, дар минтақаҳои зиёди кишвар меҳмон шудаам, вале дар ҷое надидам, ки асалро дар косаҳои калон рӯи хон гузоранд. Дар ҳама ҷо асалро назди меҳмон дар пиёлачаҳои хурдакак мегузоштанд. Агар кас як бор нонашро ғӯта занонад, пиёла холӣ мешавад.

– Ин асали деҳқонӣ, меҳмони азиз, гиреду нӯши ҷон кунед. Аз ин асал дар мо хеле зиёд аст, – мисле ки ҳайрати моро пай бурда бошад, гуфт апаи Насиба.

Баъд яке аз нонҳои калонро, ки навакак аз танӯр канда оварда буд, пора карда пеши мо гузошт. Сонӣ ҳамаро ба тановули неъматҳои рӯи хон даъват кард.

Сардори ин хонавода– Абдуғанӣ Туроббоев 35 соли дароз ба шифокорӣ машғул шудааст ва дар ин муддат ба мардуми деҳаи Псargumentsком, инчунин деҳаҳои Полвонак, Қурдуптур, Тепар ва Такаянғоқ хидмат кардааст. Вай гуфт, ки нафақахӯр мебошад, вале беморони зиёд дар зарурат ба вай муроҷиат мекунанд ва қадри имкон ба дарди онҳо марҳам мебахшад.

Вақти суҳбат бо Абдуғанӣ Туроббоев дарёфтам, ки хеле одами фурӯтану хоксор ва ба касби худ вафодор мебошад. Дар бештар аз ним соате, ки меҳмони хонаводаи вай будам, чанд бор телефонаш занг зад ва аз он сӯи гӯшак мепурсиданд, ки ин ё он доруро кай истеъмол намоянд, барои паст кардани фишори хун аз кадом дору истифода бояд кард.

– Касе ҳаргиз беҳуда моро ташвиш намедиҳад. Инҳо беморонеанд, ки дар деҳаҳои гуногуни ин минтақа ба сар мебаранд ва ҳамеша таҳти назорати ман қарор доранд. То ин ҷойҳои мо ҳоло мошини «Ёрии таъҷилӣ» омада нарасидааст. Аксари беморон дар бунгоҳи тиббии деҳа муолиҷа мегиранд. Хушбахтона, ба далели тозагии ҳаво ва истеъмоли гиёҳҳои гуногуни кӯҳӣ, инчунин сероб будани ширу ҷурғот мардуми мо чандон ба беморӣ мубтало намешаванд. Агар кадоме ба хидмати пизишкони махсус ниёз пайдо кунад, худро ба маркази ноҳия ё шаҳри Тошканд мерасонад, – иброз дошт ҳамсуҳбати мо.

– Дар деҳа шифокори соҳиби маълумоти олӣ низ ҳаст, ки ба дарди мардум дармон бахшад?

– Дар айни ҳол ин кор ба зиммаи худи ман ва боз як нафари дигар вогузорӣ шудааст. Қаблан Исмоил Холмуродов ном ҳамдеҳаамон Донишкадаи тиббии Тошкандро хатм карда, ба деҳа баргашт ва чанд муддат дар бунгоҳи тиббӣ машғули кор шуд. Аммо баъд ба маркази ноҳия кӯчид ва дар шифохонаи марказӣ кор кард. Исмоил урологи хуби ноҳияи мо маҳсуб мееёбад.

– Роҳи байни Псков ва маркази ноҳия хеле хароб аст. Ҳоли беморе, ки тавассути ин роҳ ба маркази ноҳия интиқол мееёбад, чӣ хоҳад шуд?

– Ин саволест, ки ҳамеша моро ба ташвиш меорад. Ҳаракати мошинҳо аз роҳе, ки Пскомро бо рустоҳои дигар ва маркази ноҳия мепайвандад, барои одами солим низ мушкил ва хатарбор аст. Ҷони он бемор ба лаб хоҳад омад, аммо чораи дигар вуҷуд надорад, – гуфт Абдуғанӣ Туроббоев бо таассуф.

– Чаро ин роҳ тармим намешавад? Оё ягон роҳи дигар вуҷуд дорад, ки мардум тавассути он равуо кунанд?

– На, ҳамин ягона роҳи мардуми мост. Дар деҳаҳои минтақаи кӯҳистон боришот зиёд аст. Дар фасли баҳор аз баландиҳо зуд-зуд селобаҳо фаромада, баъзе қисматҳои роҳро вайрон мекунад. Гузашта аз ин, дар дарёи Псков неругоҳи барқи обӣ бунёд мегардад. Агар роҳи мо мумфаршу ҳамвор карда шавад, мошинҳои интиқолдиҳандаи бору колоҳои вазнини сохтумонӣ дубора ин роҳро хароб мекунанд. Вақте ки кори сохтмони НБО-и болои рӯдхонаи Псков ба итмом расид, умед мекунем, ки роҳи моро ҳатман ҳамвор хоҳанд кард, – бо ҳамон фурӯтании ба худ хос тавзеҳ дод А.Туроббоев.

Дар ҷараёни сафар бо директори мактаби рақами 45 Бахтиёр Азиметов, собиқадорони меҳнат Қуронбой Файзиев, Норинбой Абдуллоев, Юсуфбой Раҳмонбердиев, Тӯлабой Абдуваҳҳобов ҳамсуҳбат шудем. Ҳамаи онҳо ифтихор мекарданд, ки дар ҳар ҷабҳа барои пешрафти деҳаашон саҳмгузоранд.

Идомаи дидору мулоқот дар ҳавлии Сироҷиддин Эсанбоев сурат гирифт. Дар ин давра Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода низ ҳузур дошт.

Пазироии гарми меҳмонон аз тарафи арӯси хонаводаи Эсанбоевҳо – Мунисаи панҷ панҷааш ҳунар хеле ғайримунтазир гардид. Вай хӯроки лаззатбахш – қурутоби пскомиро тақдим намуд, ки равғани зарди рӯи косаҳо дар шӯълаи офтоб ялтос мезад ва иштиҳои касро бедор менамуд.

Дарвоқеъ, Сироҷиддин Эсанбоев соли 1996 шӯъбаи ғоибонаи факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқандро хатм кардааст. Баъди даҳ соли фаъолият дар мактаби рақами 45-и деҳа чун омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик фаъолияташро идома додааст.

– Дар айни ҳол ба соҳибкорӣ рӯй овардаам. Дар як гектар боғ бунёд карда, ба асалпарварӣ низ машғул ҳастам. Дар ин фарозиҳо гову гӯсфанд низ парвариш мекунем. Аъзои ҳар як хонавода аз роҳи меҳнати ҳалолу бобаракот ҳам худ ва ҳам мардуми шаҳру ноҳияро бо ширу ҷурғот, меваву сабзавот, асали хуштаъм ва амсоли он таъмин мекунанд, – мегӯяд бо ифтихор Сироҷиддин Эсанбоев.

Бо вуҷуди нафаси гарми ҳаво аз чаҳор тарафи кате, ки барои меҳмонон байни дарахтони себу гелоси рӯи ҳавлӣ гузошта буданд, ҳавои нафис мечархид ва ба ҷисму ҷон роҳат мебахшид. Вақте рӯз ба тарафи шом майл мекард, моро лозим омад, ки савори мошинҳо роҳи тӯлониро тай кунем. Бо вуҷуди ин ҳеҷ кадоме аз меҳмонон намехост, ки домани чунин табиати зебову фараҳбахш ва канори одамони меҳмондӯсту меҳмоннавози Пскомро тарк кунад...

Ин раҳоварди сафарро бо як байти устод Нормурод Каримзода ҳусни иктифо мебахшам:

*Псков, аҷаб деҳаи хушманзарӣ ту,*
*Ҷойгоҳи азизону адабпарварӣ ту!*

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Вилояти ТОШКАНД.*



## ДАР НАМАНГОН БОЗ ЯК МУАССИСАИ ТАЪЛИМИ ҒАЙРИДАВЛАТӢ БА ФАЪОЛИЯТ САР КАРД

*Дар шаҳри Наманган мактаби нави таълими умумии хусусии «Steam plaza» ба истифода супурда шуд.*

*Арзиши лоиҳаи умумии ин муассисаи таълимии ғайридавлатӣ 1 миллиарду 145 миллион сӯм буда, аз ҷониби соҳибкор Мадина Мӯъминова барпо ва мавриди истифода гашт. Дар ин ҷо ба бештар аз 40 нафар ходимони педагогӣ ҷои нави корӣ офарида шуд. Онҳо ба 240 нафар хонандагон таълиму тарбия медиҳанд.*

*Ҳар синфхона бо ҷиҳози инноватсионӣ муҷаҳҳаз буда, фанҳои математика, IT, робототехника, лабораторияи фанҳои табиӣ, санъат, муҳандисӣ, забонҳои хориҷӣ ба таври самаранок омӯзонда мешаванд.*

***Дар сурат:** намои мактаби нави хусусии «Steam plaza».*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).***

# МУКОФОТ МУБОРАК, ҲАМКАСБОН!



Солҳои охир дар кишвари мо ба воситаҳои ахбори оммавӣ имконияту имтиёзҳои васеъ фароҳам оварда шудааст. Дар доираи таъмини қарори Президент «Дар бораи чораҳои дастгирии воситаҳои ахбори оммавӣ ва рушди соҳаи журналистика» аз соли 2023 номинатсияҳои рағбатмандкунии Мукофоти миллии «Олтин қалам» – XVII аз 5 то 12-то зиёд карда шуд. Таъкид намудан ҷоиз аст, ки озмуни «Олтин қалам» байни озмунҳои эҷодӣ нуфузи хосаро дорост. Аз ҷумла, озмуни имсола дар Қасри муҳташами анҷуманҳои байналхалқии «Ӯзбекистон» ва ба сармукофот гузошта шудани автомобил тасдиқи фикри боло мебошад.

– Имсол ба озмун аз ҳарвақта зиёд, яъне беш аз 500 вакилони ВАО қариб бо 4 ҳазор кори эҷодии худ иштирок карданд, – иброз дошт Холмурод Салимов, иҷрокунандаи вазифаи раиси Иттиҳодияи журналистони Ӯзбекистон дар баромади худ.

– Аз самти телевизион 25 нафар бо 900 кори эҷодӣ, аз радио 43 журналист (300), воситаҳои ахбори оммавии чопӣ 173 нафар (1200) ва интернет-журналистика 76 нафар бо корҳои эҷодии худ иштирок карданд. Аз ҷониби ҳакамон ба долузарбии мавзӯъҳо эътибор дода шуд. Таҷрибаҳо собит менамояд, ки озмун рағбати муносиб нисбати аҳли эҷод, ғамхорӣ ва эътибор ба журналистон мебошад.

Дар чорабинии мутантан ба ҷоизаи номинатсияи рағбатмандкунӣ «Барои беҳтарин мақолаҳои оиди бандкунӣ бо шуғл» ҳамкори мо Саодат Бекназарова эълон карданд. Ин лаҳзаи гуворо ходимони рӯзномаи «Овози тоҷик»-ро низ, ки ҳамроҳи ӯ ҳузур доштанд, бефарқ нагузошт. 7-8 сол пеш ин ӯ аз радио ба рӯзномаи «Овози тоҷик» гузашт. Аҳли ҷамоа ба ӯ ғоибона шинос буд, зеро ӯ шарҳи мақолаҳову хабарҳои эҷодкорони рӯзномаро ба шунавандагони радио мерасонид. Бо кормандони рӯзнома зуд унс гирифт ва ба навиштани мақолаҳо шурӯъ намуд. Аҳли қалами рӯзнома маҳорати ӯро дар ин ҷода пай бурданд ва маслиҳат медоданд. Мақолаҳои ӯ бештар аз ҳаёти деҳот, ахлоқи ҳамида, зиндагии мардуми одӣ ва тарбия тавассути меҳнатро дар бар мегиранд. Алҳол С.Бекназарова – узви иттиҳодияҳои журналистони Ӯзбекистону Тоҷикистон кори шуъбаи мактаб ва маънавиётро ба ӯҳда дорад.

– Баъди эълони озмун дар рӯзнома ба супурдани маводҳои худ дудила шудам. Оё муносиб медонанд ё не? Мақолаҳоро ҷамъ кардаму мувофиқи тартиби нишондодашуда фиристондам, – мегӯяд бо ҳаяҷон Саодатбону. – Ҳатто ҳангоми эълони номам бовариам наомад. Ҳамин ки исмамро хонданд, надонистам чӣ рӯҳияе моро фаро гирифт. Ба баёнаш сухан оҷиз. Шоир фармудааст:

*Як гули мақсуд дар*
*ин бӯстон,*
*Чида нашуд бе*
*мадади дӯстон.*

Дар ин дастовард саҳми ҷамоаи рӯзнома калон аст.

Албатта, хурсандии Саодат – хурсандии ҷамоа, хурсандии оилааш аст.

Ходимони рӯзнома бо баробари муваффақияти Саодатбону аз комёбиҳои собиқ ходими «Овози тоҷик» Шоқаҳҳор Салимов – журналисти собиқадор, ки чун эҷодкори озод инчунин соҳиби ҷоиза шуд ва Мирасрор Аҳроров – мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Фарғона чун журналисти хориҷӣ – хабарнигори рӯзномаи «Ҷумҳурият»-и Тоҷикистон аз рӯи номинатсияи «Мақолаи беҳтарини журналисти хориҷӣ дар бораи Ӯзбекистон» тақдиронида шудаанд, шоданд.

**Гулҷаҳон КАБИРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Абдулҳамид САМАД*

# ҲАМСОЯҲО

*(Ҳикоя)*

Пеш, дар асри бист, замони ҷавонӣ аз пирони рӯзгор мешунидем: «Аз хеши дур ҳамсояи наздик беҳ». Худо накунаду ягон фалокат руй диҳад, то бародару хешони дур мерасанд, ки ҳамсояҳои меҳрубон ҳама мушкилиро даст ба даст, бе миннат ҳал мекунанд: хешон омада мебинанд, ки назди бино об задаву рӯфта, хараку курсиҳо бонизом мондаву курпачаҳо густарда. Оре, беҳуда ҳикмати «Ҳамсоя ба ҳаққи Худо баробар» набаромадаст.

– Ҷони гапа гуфтӣ, – ба суҳбат шарик мешуд мӯйсафеде ва андешаманд меафзуд: – Одамҳои дӯстдори Худо ҳамсояи нек меёбанд. Гузаштаҳо таъкид мекарданд: «Хона нахар, ҳамсоя хар».

Чӣ метавон кард, ки бо гузашти умр ва дигар шудани замон фарҳангу қоидаҳои ҳамсоядорӣ низ дигар мешудааст. Солҳои охир ҳамсояҳо зуд-зуд, ба қавле, сарсари бод дигар мешаванд. Пеш агар хонаи нав мегирифтем, аввал ба ҳамсояҳо оши шиносоӣ медодем. Яъне, моро ба ҷамъияти ҳамсояҳо бипазиред: мо шарики шодиву ғами шумоему ба хизмат омодаем... Агар ҳамсояе бо ин ё он сабаб мекӯчид, ҳатман оши хайрухуш медод. Ва кадхудо сари хон бо лутфу меҳр гӯшзад ҳам мекард: «Чанд сол дар як бино, дар як маҳалла зистем, нону намак хӯрдем... Ҳамсоягии хуб доштем... Кас намедонад, ки фардо чӣ пеш меояд, ба нону намаки додаатон розӣ шавед. Фаромӯшамон накунед... Аз шумо дил кандан мушкил. Вале ноилоҷ шудем...».

Рӯзҳои зиёфати ошноиву хайрухуш додан пеш аз шом ба атрофи бино аввал бӯйи хушу иштиҳоовари зирбак, баъд оши палави зирадор паҳн мешуд. Ва ҳамсояҳо таъкид мекарданд, ки ин шом оши хушлаззати хуҷандӣ ё самарқандӣ ё бухороӣ мехӯранд... Аммо хурдсолон, духтаракону писаракони маҳалла ба ҳамсояҳо назару муносибати махсуси худро доштанд. Онҳо ба пирамардону кампиракҳо аз рӯи рафтору кирдорашон меҳр мебастанду ном мегузоштанд. Амаки Нодирро «Падари Лада» меномиданд. Нодир писару духтар, набера дошт. Фарзандони хубу баодоб. Лекин Лада номи саги хурдакак, қаҳваранг, орому нармнигоҳи ӯ буд. Чун мӯйсафед Ладаро ба сайр мебаровард, ҳайвонак сӯйи касе ак-ак намекард. Даме ҳавои тозаро шамида, хамёзае кашида, гӯшу дум меҷунбонд, сипас ин тарафу он тараф метохт, баъзан болои сабзаҳо бо шавқу ҳавас ғел ҳам мезад. Дар ин мавриди хурдсолон бо ҳаяҷон «Лада, Лада» гӯён аз пасаш тохта, дӯстдорияшонро ба сагча ба ҳар дастур ифода мекарданд. Бештар гирди ҳайвонак давра ороста, сари по истода, бо навозиш ба сару тахтапушташ даст мерасонданду аз ин шоду масрур мешуданд. Ва худро меситоиданд: «Ба ман нигоҳ кард, дастамро нагазид, думашро ҷунбонд». Амаки Нодири камсухан аз дур ба ин манзара мамнун чашм давонда, лаззат мебурд.

Баногоҳ аз роҳрави охири бинои дароз ба саҳни ҳавлӣ тозону миявмиявкунон баромадани гурбаҳои хурду бузург дар саҳни бино ҳангомаи дигар барпо мекард. Бачаҳо бо шавқ он сӯ медавиданд. Аз ҳама охир бибии пишакҳо – холаи Маша гурбаи пахмоқмӯйи бузург дар оғӯш, кулоҳи нимдошти лабҳояш каҷу килеб якшоха дар сар, асоча дар даст бафурҷа мебаромад. Вай назди роҳрав даме истода, аз паси айнакҳои сиёҳфомаш ба чор тарафи осмон озмоишкорона менигарад, сипас гурбаро аз оғӯш мераҳонад. «Бирав, ҳамҷинсонро соҳибӣ бикун. Боз ягон саг озорашон надиҳад». Пишаки фарбеҳи пахмоқмӯй худро шери ҷаҳон нишон медод. Зангӯлаи нуқрагини дар гардан овезонаш ба ҳар қадамгузории бо кибру ғурураш, ҷингирҷингиркунон садо бароварда, диққати хурдсолону роҳгузаронро ҷалб мекунад. Тохтутози гурбаву гурбачаҳо ва шодиву фарёди кӯдакон ба саҳни бино ҷони тоза мебахшад. Ва ин лаҳза аз балкони ошёнаи чоруми бинои муқобил ҳаф-ҳафи пиронаи Багира – саги бузурги сип-сиёҳи Наҷмиддин – воқеан нусхаи Багираи «Маугли» – ба атроф чун ҳушдор паҳн мешавад. Хомӯшӣ ба миён меояд. Хомӯшии пурасрор. Сипас чакидани марғуладори Бабр – саги бузургҷусса ва раху доғҳои ҳаррангаи пӯст, ҳайбати сару гӯш ва даҳону дандонҳои палангмонанди Заур аз балкони қабати дуюми бинои мо мағрурона танин меандозад: «Ман ҳам ҳастам!» Бонги хатар. Гурбаи пахмоқмӯйи фарбеҳ даба-даба давида, бо садои зангӯла дигар ҳамҷинсонро аз пасаш хонда, назди Маша мерасад. Гурбаҳо тозон омада, озодона баъзе болои кифту шонаи Маша – соҳибу сипари боэътимодашон мебароянд. Гурбачаҳое тарсон аз рӯйи савқи табиӣ ҳадаҳа ба танаи дарахтон часпида, ханҷолкашон ба нӯги онҳо мебароянд. Ҷойи аз ҳама дилпури аз чангу дандони сагҳо раҳидан. Маша аз бахилии сагҳо норизо, ҷониби варзишгоҳ роҳ пеш мегираду гурбаву гурбачаҳои аз дарахтон чолокона фаромада ва кӯдакони кунҷков аз пасаш. Сайри Маша-хола бо лашкари гурбаҳо ва тамошои пуршавқи бачаҳо.

Баъд гирдбоди рӯзгор ҳодисаҳои нохушу ғамангези афзун пеш овард. Моҷароҳо ба майдонбозӣ, кинаварзиву гирудорҳо табдил ёфтанду зиндагии мардумро талху нохуш сохтанд. Парокандагӣ... Ҳамсояҳои нав пайдо шуданд; гӯё олами дигар, одамони булаҷаб. Андому рафтору номҳояшон ҳайратовар. Ҷавон, лундарӯ, балки ношустарӯ ва гарданғафсу шикамдор. Риши онҳо шабеҳи хор ё сихи хорпуштон ба чашми хурдсолон бимовар менамуд. Шунидани номҳояшон нохуш: Аждар, Гуроз, Кобра... Магар аз ин ҳамсояҳо оши ошноӣ ё хайрухуш умед мекунӣ? Ҳамаи он меҳрубониҳо чун хобу хаёл ё расми зиёдатӣ фаромӯш шуданд. Акнун тантанаи бо путк кӯфтани девори хонаҳо, бо асбобҳои муқтадири барқӣ парма кардану шикофтани фаршу сақфҳо авҷ гирифт. Биноҳо гӯё ба лонаи кандану афкандани устоҳои навбаромада «Евротаъмир» табдил ёфтанд. Садои гӯшхарош, ғурғур, тур-туру кур-кури асабхаробкунанда моҳҳо аз субҳ то шом идома меёбад. Дигар арку гунбаз ва «Тоҷмаҳалсозӣ» дар дохили хонаҳои баландошёна ривоҷ ёфт. Намоиши дороӣ ва нишон додани меҳр ба бонуҳои пурноз. Пулмастҳо мехостанд, ки хишти ҳуҷраҳояшонро ба хишти тиллоӣ иваз кунанд. Ҳо, давру давронашон. Касе касеро ба сари инсоф даъват бикунад, албатта, чунин ҷавоб мешунид: «Хонаи ман қасри ман аст. Ҳар коре хоҳам, мекунам!».

Субҳе хабари нохуш расонданд. «Калламуш» мурд. Дар саҳни бино гирд омадем. Ҳамсояҳои шӯхтабиат пурсиданд: «Кадом «Калламуш»? Дар куҷо? Ин замон «Калламуш» зиёд шуд...»

– Калламуши худамон... Устои таъмиргар... Дар хонаи худаш...

– Чӣ дард дошт?

– Дарди шикастану шикофтану буридан...

– Таъмири хонаи худашро ба охир нарасонда?

– Оре. Гумон надошт, ки ногаҳон мемурад...

– Умре ҷони сиёҳ канду ҷони ҳамсояҳои пиру дардмандро ба лаб овард. Беинсоф хотир намедид... Акнун дороияш насиби шавҳари нави занаш мешавад...

– Лекин васияташ аҷиб «Бо асбобҳои устоиям гӯрам кунед. Дар он дунё лозим мешаванд...»

– Э не... Бухтон ҳам андоза дорад, – эътироз кард ҳамсояе.

– Бовар накунед, аз занаш пурсед. «Бе асбобҳо дар гӯр зиқ мешавам» гуфтааст. Нолаву гиряи занашро шунавед: «Дареғи шавҳари панҷ ангушташ ҳунару ҷонкоҳонаме...»

– Дар ҳақиқат ба дарди шикастану буридану пармакунӣ сахт гирифтор буд. Гӯё аз фаршу деворҳо хазинаи гумшудаи падарашро меҷуст. Барои ҳамин «Калламуш» лақаб гирифт...

– Акнун чӣ кор мекунанд?

– Иҷро. Ба ҷо овардани васият ҳатмист.

– Сафари охират. Дигар нахоедаш... Ҳар хеле буд, рафт. Аз паси мурда зикри хайр беҳтар, – таъкид кард раиси маҳалла: – аз пайи маросими ҷаноза, гӯру ҷӯб мешавем...

Ҳамсояҳои нав ду ангушт дар бинӣ не, бо ҳангома меомаданд: бо мошинҳои сабукрави қиматбаҳои шишасиёҳи бузургу ҳарранга. Аз қадами аввал талошашон барои соҳиб шудани замини рости роҳрав ва паси бино оғоз ёфт. Аз бозори сиёҳ коргар оварда, ниҳолаку гулбуттаҳои пешинаро канда, бо сангу симонт ҷойи шабонарӯзии мошинмонӣ сохта, атрофаш сутунчаҳои оҳанӣ шинонда, бо занҷирҳои ранга печонида, қулфу калид мекарданд. Дар паси бино, ба гуфти худашон «бошишгоҳи роҳату суҳбат» бо чӯбкориву кату курсиҳо бунёд карданд. Ободӣ!

Деги суҳбат ҳамеша дар ҷӯшу дуди кабоб дар осмон, садои ханда ва суханҳои бепардаву фаҳш дар хурӯш. Гоҳе саҳнаҳое кӯбокӯб, бо доду фиғон, сару пои луч гурехтани ҷинсҳои латиф ҳамаро дар ташвиш мегузорад. Аммо кӣ ҷуръати эътироз дорад?

Не, ғур-ғуру нафрати пирон пайваста ба гӯш мерасад. Мегуфтанд, ки Худо одамро аз хок офаридаасту боз ба хок мебарад. Лекин ҳирси ғасби хоку замин то мурданаш мешаваду кам не. Агар чашми баъзеҳо пас аз мурдан пӯшида нашавад, ба он каме хок мепошанд: қаноат, ки накардӣ, аз хоки гӯр сер бишав! «Чашми танги дунёдорро ё қаноат пур кунад ё хоки гӯр».

(Давом дорад).

Аҳли рӯзномаи «Овози тоҷик» ба ходимони собиқи худ Тӯхтаҷон Фаёзова ва Шарофат Эрматова нисбати вафоти модарашон

**Умурҷон ЭРМАТОВА**

ҳамдардии амиқ изҳор намуда, ба фарзандон ва наздикони марҳум сабри ҷамил мехоҳад.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-525. Адади нашр 4640 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.00

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.